11 10 2019




Ноамнӣ ва бесуботии Ховари Миёна боиси ташвиш ва нигаронихои зиёди кишвархои минтака, аз чумла Осиёи Миёна гардидааст. Солхои охир тибки маълумоти макомоти кудратии кишвар холатхои рӯ овардани чавонони точик ба харакатхои ифротгаро зиёд ш

Омилхои гуногунеро метавон зикр намуд, ки чавонон тахти таъсири чунин хизбу харакатхо карор мегиранд. Сатхи пасти таълиму тарбия дар оила ва надоштани маърифати кофии динӣ ва инчунин, мушкилоти иктисодӣ ва ичтимоӣ, сатхи бекорӣ сабабгори асосии чалб шудани чавонон ба ин хизбу харакатхои ифротгаро гардидааст. Яке аз роххои асосии чалб намудани чавонон ба ин хизбу харакатхои ифротӣ асосан, мухочирати мехнатӣ ва инчунин ташвикот аз тарики шабакахои ичтимоӣ мебошанд. Чунин раванд омили ба вучуд оварандаи нооромӣ ва бесуботии чомеа хохад шуд, зеро бахсхо ва мубориэахои идеологӣ ва гоявӣ дар майдони шабакахои иттилоотӣ бо тамоми шиддат чараён доранд. Чунин бахсхои иттилоотӣ метавонанд дар хама холат таъсири худро ба чомеа расонанд.уда истодаанд, ки ширкати онхо дар мухорибахои Сурия ва Ирок ин акидаро собит месозад. Шомилшавии чавонони точик дар хизбу харакатхои тамоюли ифротгароидошта, ба монанди «Хизб-ут-тахрир», «Ансоруллох», «Байъат», «Харакати Толибон», «Харакати Исломии Ӯзбекистон», «Салафия» мисоли равшани ин казия аст. Нафарони мазкур мутаассифона, намедонанд, ки курбонии бозингарони бузург ва душманони Точикистон гардидаанд.

Маълум аст, ки вазъи сиёсӣ, ичтимоӣ, иктисодӣ ва фархангии чомеаи хар як кишвар ба раванди таъмини дастовардхои миллӣ ва амнияти сартосарии он таъсири амик дорад. Аз ин рӯ, пеш аз хама, зарур аст, ки мафкура ва вазъи равонии чомеа бо татбики барномахои мухталифи сиёсию фархангӣ ва идеологӣ ба хадафхои давлату миллат хамгун ва хамнаво бошад. Дар ин раванд, албатта, давлат ва Хукумати Точикистон тамоми кӯшишхоро ба харч медихад, то мушкилоти мавчуда халлу фасл гардад.
Бояд гуфт, ки аксари тахлилгарон бар ин назаранд, ки сатхи донишу маърифати дунявии чавонон хеле поён рафтааст ва маърифати диниашон низ шакли костагӣ ва нуксондошта, онхо дар бисёр маврид миёни оддитарин масъалахои хурофоту дин, акидахои ботилу вокеӣ фарк гузошта наметавонанд. Ин танхо мушкилоти имрӯзаи кишвари мо набуда, балки тамоми кишвархои пасошӯравӣ гирифтори чунин проблемахо хастанд. Рочеъ ба масъалахои хурофотпарастӣ Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон борхо зимни суханронихои хеш ибрози акида карда, онро сабаби аслии костагии маърифати чомеа, бахусус, чавонон ва вабои аср арзёбӣ намудааст.
Албатта, ин мушкилот дар мачмӯъ, боиси он мегардад, ки гурӯххои манфиатхох ва фурсатталаб аз вазъияти чойдошта истифода мекунанд. Масалан, тибки маълумоти расмии макомоти кудратии кишвар беш аз 300 нафар чавонони точик дар кишвархои Сурия ва Ирок мечанганд, ки аз онхо аллакай зиёда аз 80 нафарашон чони худро аз даст додаанд. Чой доштани чунин падидаи ногувор аз сатхи пасти маърифати динию мазхабии чавонони кишварамон ва аз суст ба рох мондани мубориза алайхи ифротгарой шаходат медихад.
Бояд гуфт, ки дар Осиёи Марказӣ ифротгарой ба тадрич дар байни занон низ ривоч пайдо карда истодааст. Тибки иттилои Вазорати умури дохилии Чумхурии Киргизистон, соли равон теъдоди занон дар гурӯххои тундрави исломӣ 23 дарсад афзоиш ёфтааст. Соли чорӣ даххо зан аз чануби Киргизистон ба чанги Сурия рафтаанд. Баъзе занхои точикро низ шавхаронашон мачбуран ба Сурияву Ирок бурдаанд, ки ин боиси ташвиш ва нигаронист. Агар як сабаби иштироки занон низ факру бенавоӣ бошад, аз тарафи дигар, таблиготи ифротгарой низ дар миёни онхо хеле авч гирифта, андешаву тафаккури эшонро сайди доми худ кардааст. Имрӯз тавассути таблиги иртичоии ба ном «Давлати исломӣ» (ДИИШ) занони дорои тахассуси тиббӣ доштаро ба сафхои худ чалб мекунад. Хамчунин, онхо дар чустучӯйи занхои норозӣ ва ё озурда аз зиндагӣ ё азияткашида аз макомоти кишвархои дорои мухочират мебошанд ва онхоро бо хар гуна воситахо ба созмонхои ифротии хеш чалб менамоянд. Ва кобили тазаккур аст, ки имсол як гурӯхи занони Чумхурии Казокистон хам барои ширкат ба чанги Сурия рафтаанд, харчанд макомоти кишвари номбурда мегӯянд, ки онхо барои ба ватан баргардонидани шавхархояшон ба он чо мухочират намудаанд. Чанд зани точик низ аз вилояти Сугд хам бо бахонаи овардани шавхархояшон ба Сурия рафтаанд.
Давлати Точикистон барои бехбудӣ бахшидан ба пешгирии ифротгарой рохи дигарро пеш гирифт. Масалан, барои рӯхониёне, ки дорои вазифаи имом-хатибии масчидхои чомеъро доранд, аз хисоби бучаи давлатӣ маош таъйин гардид, ки ходимони дин барои пешгирӣ намудани ин гуна чараёнхо кумаки имонӣ ва вичдонӣ расонанд ва чихати пойдории сулху субот ва вахдати миллӣ дар чомеа хидматхои арзандаро дарег надоранд. Ин далели он аст, ки Хукумати Чумхурии Точикистон барои осоиштагӣ ва оромии мардум кӯшиш ба харч медихад, вале гурӯххои дорои акидаи ифротӣ низ барои фиребидан ва аз паси худ бурдани гурӯхе аз чомеаи кишварамон муваффак шуда истодаанд. Бехуда нест, ки Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон

дар Паёми имсолаи худ ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон ба ин масъалаи мухим диккати махсус дода, иброз дошт: «Бо дарназардошти вазъи хассосу печидаи чахони муосир олимону донишмандони мамлакат бояд ба масъалахои тавсеаи мафкураи миллӣ, тахкими давлатдорӣ ва рушди ичтимоию сиёсии чомеа, иттиходи нерӯхои созандаи кишвар ва хифзи манфиатхои стратегии Точикистон, мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, хурофотпарастию ифротгарой, инчунин, тахкихи масоили демократикунонии хаёти ичтимоию сиёсии Точикистон эътибори аввалиндарача диханд».
Бинобар ин, давлат ба хотири таъмини амнияти миллӣ, хифзи тартиботи чамъиятӣ, химоят аз сихатии шахрвандон ва дифоъ аз хукуку озодихои дигар шахрвандон метавонад чорахои зарурӣ ва чиддиро хам ба кор гирад. Талошу кӯшишхои тахти назорат карор додани раванди ифротгароии динию мазхабӣ боиси эътирозхои баъзе рӯхониён мегарданд, дар холате ки бояд решахои ичтимой-иктисодӣ ва сиёсию фархангии онро пайдо намуд ва бартараф кард. Инчунин, бештари мусалмонон бовар доранд, ки гурӯххое чун «ДИИШ» аз сӯйи душманони ислом ба хотири бадномсозии ин дини мубин таъсис дода шудаанд. Хукуматхои давлатхои Осиёи Марказӣ мегӯянд, ки ифротгароии динӣ ва терроризм аз душманони асосии суботу амният дар ин кишвархост ва бояд бо он хаматарафа мубориза бурд.
Бояд гуфт, ки дини мубини ислом сулху субот ва оромиро ташвик намуда, рӯ овардан ба ифроту тундравиро манъ мекунад. Аз чумла дар ояти 9 ва 10-уми сураи «Нисо»-и Куръони карим омадааст: «Муъмин бародари муъмин ва хуни муъмин резонидан гунохи азим аст». Чавонон ояндаи миллат ва давлатанд. Чавонони солимакл, сохибистеъдод ва хушманд, ифтихор ва сармояи хушбахтӣ ва саодатмандии чомеа мебошанд. Аммо чавонони ифротгаро ва ситезачӯ доги дили падару модарон, дарди сари чомеа ва омили хушунат, низоъ ва фитнахои навбатӣ хоханд гашт.
Хулосаи калом, масъалаи тундгарой дар чомеаи кишварамон бисёр актуалӣ мебошад, аз ин рӯ, он таваччухи махсусро талаб менамояд ва пеш аз хама, чавононро лозим меояд, ки дар ин масъала эхтиёткор бошанд, зиракии сиёсиро аз даст надиханд ва аз хамрохшавӣ ба чунин гурӯххо худдорӣ намоянд.

Файзизода Х., сардори шуъбаи коркарди амалиётхои

оперативии РМЗЧМ ВКД Чумхурии Точикистон, полковники милитсия